Ҳар зане, ки бе иҷозати валӣ (сарпарастонаш) никоҳ кунад, никоҳи ӯ ботил аст - се бор инро такрор карданд. Агар шавҳар бо ӯ ҳамбистар шавад, маҳр ба сабаби он чи аз ӯ баҳра бурдааст, барои зан муқаррар мегардад. Ва агар миёни онҳо ихтилоф ба вуҷуд ояд, пас ҳоким (султон) валии касест, ки валӣ надорад

Аз Оиша, модари муъминон (разияллоҳу анҳо) ривоят аст, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳар зане, ки бе иҷозати валӣ (сарпарастонаш) никоҳ кунад, никоҳи ӯ ботил аст - се бор инро такрор карданд. Агар шавҳар бо ӯ ҳамбистар шавад, маҳр ба сабаби он чи аз ӯ баҳра бурдааст, барои зан муқаррар мегардад. Ва агар миёни онҳо ихтилоф ба вуҷуд ояд, пас ҳоким (султон) валии касест, ки валӣ надорад."

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود والترمذي وابن ماجه وأحمد]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳушдор додааст, ки зан набояд бе иҷозати валӣ (сарпарастонаш) худро ба никоҳ дарорад ва чунин никоҳ ботил аст. Ӯ инро се маротиба такрор кардааст, яъне гуё тамоман никоҳе вуҷуд надорад. Агар марде, ки бе иҷозати валӣ бо зан никоҳ бастааст, бо ӯ ҳамбистар шавад, ба хотири баҳраи ҷинсӣ, ки аз вай бурдааст (ҷимоъ дар маҳалли аслӣ), маҳри комил бар ӯ воҷиб мегардад. Агар байни валиҳо дар масъалаи валии аслӣ будан ихтилоф пайдо шавад — ва онҳо дар мартаба баробар бошанд — никоҳ ба он касе тааллуқ мегирад, ки пештар ин масъулиятро ба уҳда гирифтааст, ба шарте ки инро ба хотири манфиати зан анҷом дода бошад. Агар валӣ аз ба никоҳ даровардани ӯ худдорӣ кунад, ӯ монанди шахсе мешавад, ки валӣ надорад, дар ин ҳол султон (ҳоким) ё намояндагонаш, чун қозиён, валии ӯ мегарданд. Аммо агар валии шаръӣ мавҷуд бошад ва монеъ нашавад, султон ҳаққи дахолат надорад.


النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY


لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC
E-Da'wah Committee